# аз 02.06.2022 294-ф

«Дар бораи ҷорӣ намудани муроҷиати
электронии андозсупорандагон»

Бо мақсади таъмини иҷрои муқаррароти қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 № 643 «Дар бораи тасдиқи консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 30 декабри соли 2019, №642 «Дар бораи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» тибқи талаботи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 № 456 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ҳамаи намуди муроҷиатҳои андозсупорандагон ба дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва ирсоли ҷавобҳои онҳо, барои шахсони ҳуқуқӣ аз санаи 1 июли соли 2022, барои соҳибкорони инфиродӣ аз санаи 1 октябри соли 2022 ва барои дигар андозсупорандагон аз санаи 1 январи соли 2023 тавассути «Утоқи шахсии андозсупоранда» ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шавад.

2. Дар мақомоти ҳудудии андоз қабул намудани ҳамаи намуди муроҷиатҳои андозсупорандагон ва ирсоли ҷавобҳои онҳо тавассути «Утоқи шахсии андозсупоранда» аз санаи дар банди 1 фармоиши мазкур қайдшуда, ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шавад.

3. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ва мақомоти ҳудудии андоз барои ба маълумоти андозсупорандагон – шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ расонидани талаботи фармоиши мазкур, инчунин гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути семинар-машваратҳо, нашри эълон дар сомонаи Кумитаи андоз, рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва дигар воситаҳои ахбори омма чораандешӣ намоянд.

4. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ барои қабули мурoҷиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тариқи барномаи «Ҳуҷҷатгузории электронӣ» (http://doc2.andoz.tj) ва назорати иҷрои саривақтии мурoҷиатҳои шахсони ҳуқуқӣ тавассути барномаи мазкур тадбирҳо андешад.

5. Муқаррар карда шавад, ки тартиби бақайдгирӣ, баррасӣ ва назорати иҷрои мурoҷиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тибқи талаботи «Дастурамали коргузории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеъи он», ки бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 2 июли соли 2020, №313 тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

6. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ нусхаи фармоиши мазкурро ба ҳамаи сохторҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раис Солеҳзода А.М. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода